# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ оид ба кори диссертатсионии Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзӯи *“Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим”* барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) пешниҳод шудааст.**

Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич соли 2012 ба факултети сохтмон ва меъмории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯйи ихтисоси «Истифодабарии оқилона ва ҳифзи захираҳои оби» дохил шуда, онро соли 2016 хатм кардааст. Пас аз хатми Донишгоҳи номбурда соли 2016 барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратура аз рӯйи ихтисоси “Лоиҳакашии биноҳо ва иншоот” дохил шуда, соли 2018 зинаи мазкурро бо ихтисоси техника ва технология хатм намудааст. Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич соли 2020 дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба ҳайси докторантураи PhD-и факултети сохтмон ва меъмории аз рӯйи ихтисоси 6D-075200 – “Низом ва шабакаҳои муҳандисӣ (обтаъминкунӣ)” қабул гардида соли 2024 зинаи мазкурро хатм кардааст.

Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич фаъолияти кори худро дар Донишоҳи давлатии Данғара соли 2018 ба ҳайси ассистенти кафедраи дизайн, индустрияи муд ва зебосозии шаҳр оғоз намудааст. Соли 2020 ба ҳайси муаллими калони кафедраи сохтмони деҳот, гидротехникӣ ва геология кору фаъолият намудааст. Аз соли 2021 то соли 2024 ба ҳайси мудири кафедраи сохтмони деҳот ва зебосозии шаҳри факултети сохтмон ва меъмории Донишгоҳи давлатии Данғара кор кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2024 то инҷониб ба ҳайси мудири кафедраи муҳандисӣ ва энергетика-и факултети муҳандисӣ ва меъмории Донишгоҳи давлатии Данғара кору фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии докторанти (PhD) Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарё вобаста аз шароитҳои иқлимӣ (дар мисоли ҳавзаи дарёи Кофарниҳон)” дар шурои олимони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ протрколи № 8 аз 04.04. 2022 таҳти роҳбарии д.и.т. досент Амирзода Ориф Ҳамид тасдиқ карда шудааст. Пас аз барасии пешакии кори диссертатсионии Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич мавзӯи кори диссертатсонии докторанти (PhD) “Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарё дар шароити

тағйирёбии иқлим (дар мисоли ҳавзаи дарёи Кофарниҳон)” бо тавсияи олимони соҳа ба “Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим” дар шурои олимони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ протрколи № 10 аз 07.04. 2025 иваз ва тасдиқ карда шудааст.

Воқеият нишон медиҳад, ки барои ҳар як давлат ҳолати муосири истифодаи самараноки захираҳои об ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои рушди устувор аҳамият ва нақши муҳим дорад. Дар шароити тағйирёбии иқлим бештар аз ҳама захираҳои об коҳиш ёфта, ҷиҳати пешгирии омилҳои манфии он андешидани тадбирҳои заруририро дар ҳама бахшҳои иқтисоди миллӣ тақозо менамояд.

Вобаста ба таъсири тағйирёбии иқлим, бахусус, дар бахши обистифодабарӣ, норасоии об, сифати оби нӯшокӣ ва натиҷаи падидаҳои он қариб дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёт ба назар мерасад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари осебпазир аз таъсири тағйирёбии иқлим бо мақсади истифодаи самараноки захираҳои об чораҳои амалиро роҳандозӣ намуда, дар самти обу иқлим иқдому ташаббусҳои дорои аҳамияти сатҳи глобалӣ доштаро дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд устуворона пеш мебарад.

Ташкил ва баргузор намудани таҳқиқотҳои илмӣ оид ба омӯзиши хусусиятҳои даврияти гидрологии ҳавзаи дарёҳои Тоҷикистон дар шароити тағйирёбии иқлим муҳим арзёбӣ гардида, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар дурнамои асосноки идоракунии бонизоми захираҳои об, самаранок истифода карда шаванд.

Мавзуи интихобгардида бо назардошти аҳамияти стратегӣ доштани захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон аҳамияти калони илмӣ-амалӣ дошта, дар пешрафти иқтисодиёти кишвар, инчунин ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мақоми махсусро касб менамояд.

Омӯзиши натиҷаҳои таҳқиқот вобаста ба захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон нишон медиҳанд, ки масъалаҳои даврияти гидрологии дарё дар сатҳи зарурӣ ва ба қадри кофӣ, инчунин бо дарназардошти хусусиятҳои он вобаста ба шароитҳои иқлимӣ, таҳқиқ нашудаанд.

Бо инобати аҳамияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва стратегӣ доштани захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон зарурат ба миён меояд, ки таҳқиқоти илмӣ оид ба арзёбии ҳаматарафа ва омӯзиши равандҳои ташаккулёбӣ, идоракунӣ, истифодабарӣ ва ҳифзи он дар шароити таъсири тағйирёбии иқлим бо инобати сарбории экологӣ ба захираҳои об гузаронида шавад.

Кори диссертатсионии Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич аз муқаддима, 4 боб, натиҷаҳои асосӣ, 3 замима ва рӯйхати адабиёти истифодашуда (иборат аз 124 номгӯй) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия - 144 саҳифаи матни компютерӣ, аз он 129 саҳифа матни асосӣ, иборат аз 31 расм ва 23 ҷадвалро дар бар гирифта, санадҳои дар амал татбиқшавии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудааст.

Дар муқаддима ва қисмати муқарраротии кори диссертатсионӣ аҳамияти интихоби мавзӯъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши мавзӯъ, алоқамандии он бо стратегияҳо ва барномаҳои илмӣ оварда шудааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шуда, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда оварда шудааст.

Дар **боби якуми** диссертатсия оид ба хусусиятҳои тағйирёбии маҷрои дарёи Кофарниҳон, бахусус, нишондоди камшавии максималӣ ва зиёдшавии нишондоди минималӣ асосанок карда шудааст. Муқаррар карда шудааст, ки дар минтақаи тақсимотӣ ва паҳншавии маҷрои дарёи Кофарниҳон вазъи хоҷагии об, бахусус, масъалаҳои обтаъминкунии минтақаҳои аҳолинишин, объектҳои саноатӣ ва обёрии заминҳо рӯ ба афзоиш дорад.

**Боби дуюми** кори диссертатсионӣ ба таҳқиқи хусусиятҳои даврияти гидрологии ҳавзаи дарёи Кофарниҳон вобаста ба шароитҳои иқлимӣ бахшида шудааст. Муқаррар карда шудааст, ки яке аз бузургиҳои бештар истифодамешудаи ҳисобӣ ин ҳисоби сарфи минималии миёнамоҳонаи об ба шумор меравад.

Қатораи маълумоти маҷрои миёнамоҳонаи минималии ба дастовардашуда бо мақсади муайян намудани ягонагии қаторахо бо критерияҳои маъмули Стюдент ва Фишер муқоиса карда шуданд.

Дар **боби сеюми** кори диссертатсионӣ оид ба амсиласозии математикии даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон вобаста ба нишондиҳандаҳои метеорологӣ, инчунин хусусиятҳои ташаккулёбии захираҳои оби ҳавза таҳқиқот гузаронида шудаанд.

Натиҷаи таҳлили математикӣ аз рӯйи маълумоти ҳармоҳа дар тули солҳои интихобӣ (1960 - 2012), яъне дар умум 53 солро фаро гирифтааст, ки ҳаҷми интихобии он n=53•12=636-ро ташкил медиҳад.

Миқдори ҳаҷми интихобии мазкур аз рӯйи қонуни “адади калон” бо эҳтимолияти зиёд ба талаботи қонуни тақсимоти нормалӣ наздик мешавад. Таҳлилу таҳқиқоти мо нишон медиҳанд, ки аз ҳаҷми интихобии

(n=636) маҷмуи интихобиро тартиб дода нишон диҳем, ки мушоҳидаи дар тули 53 сол ба қонуни тақсимоти нормалӣ наздик мебошад.

**Боби чоруми** кори диссертатсионӣ ба таҳия ва мукаммалгардонии идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон бахшида шудааст. Муқаррар карда шудааст, ки принсипҳои асосии идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об дар мисоли ҳавзаи дарёи Кофарниҳон аз самтҳои калидии принсипҳои ИҲЗО сарчашма гирифта, аз коркарди чорабиниҳо барои давраҳои гуногуни нақшаи ҳавзавии дарёи Кофарниҳон иборат мебошанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардиданд. Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамадӣ назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд.

Мухтавои асосити диссертатсияи докторанти (PhD) Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар Конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса диссертатсияи Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзӯи **“Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим”** ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои техникӣ, дотсент О.Ҳ. Амирзода

«06» 03 соли 2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Бофанда 5/2
Email: orif2000@mail.ru
Тел.: (+992) 937287272

Имзои д.и.т., дотсент Амирзода О.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва К С.С. Адамқулова

ШУЪБАИ КАДРҲО